**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**

**Ректори Донишгоҳи давлатии, омӯзгории Тоҷикистон ба номи, Садриддин Айнӣ, доктори илмҳои таърих, профессор Ибодуллозода А.И. ________________________**

**«_16_» _февралu_ соли 2026**

**ПРОТОКОЛИ № 7**

ҷаласаи кафедараи ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии, омӯзгории Тоҷикистон ба номи, Садриддин Айнӣ

аз 14 феврали 2026 с. ш. Душанбе

**Раис: н.и.п., дотсент Давлатзода Ф.Ш.**

**Котиб: Мирзозода Ш.Ҷ.**

**Иштирок доштанд:** мудири кафедра, н.и.п., дотсент Давлатзода Ф.Ш., д.и.ҳ.,профессор Соибов З.М., н.и.ҳ.,дотсент Салоҳиддинова С.М. н.и.ҳ.,дотсент Сулаймонзода М.С., н.и.ҳ., дотсент Имомов Ҳ.Ш., н.и.ҳ.,дотсент Назарзода Д.Қ., н.и.т.,дотсент Айнулозода Н.А., н.и.т.,дотсент Аламов Ҳ.Н., н.и.ҳ.,муаллими калон Мирзозода Ш.Ҷ., н.и.ҳ.,муаллими калон Мирзозода Ш.М., муаллими калон., Абдуллозода М.А., муаллими калон., Раҳматов Р. ассистент Мирзоев Б.Н., ассистент Кабутов М.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

**1. Муҳокимаи рисолаи диссертатсионии унвонҷӯи кафедараи ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии, омӯзгории Тоҷикистон ба номи, Садриддин Айнӣ Рисолати Раҷабалӣ дар мавзӯи «Ҳуқуқи конститутсионии инсон ва шаҳрванд ба таъминоти иҷтимоӣ дар ҶТ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.2. Ҳуқуқи**

**конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ.**

**Роҳбари илмӣ:** Салоҳиддинова С.М. номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи конститутсонӣ ва маъмурии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Шунида шуд:** Оид ба масъалаи мазкур унвонҷӯ Рисолати Раҷабалӣ баромад намуда, дар бораи сохтор, муҳиммият ва рӯзмаррагӣ, вазифа, мақсад ва навгониҳои илмии таҳқиқи диссертатсионии худ маълумот дода, иброз намуд, ки Конститутсияи ҶТ уҳдадории ҳатмии давлатро оид ба таъмини ҳифзи меҳнат ва саломатии шаҳрвандон, дастгирии оила, ҳифзи модарӣ ва кӯдак, инчунин дастгирии иҷтимоии маъюбон ва шаҳрвандони пиронсол пешбинӣ менамояд. Татбиқи ин муқаррарот дар рушди унсурҳои инфрасохтори иҷтимоӣ, ташаккули низоми хизматрасониҳои иҷтимоӣ, муқаррар намудани нафақа, кӯмакпулӣ ва дигар кафолатҳои дастгирӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ ифода меёбад. Бо ҳамин тартиб, заминаҳои ҳуқуқие, ки ташаккул ва фаъолияти низоми таъминоти иҷтимоиро ба танзим медароранд, таҳким ёфта, барои амалишавии воқеии ҳуқуқи конститутсионии инсон ва шаҳрванд ба зиндагии шоиста нақши муҳим мебозанд.

Бо вуҷуди аҳаммияти бузург ва хусусияти ҳамаҷонибаи таҳкими конститутсионии давлати иҷтимоӣ, дар таълимоти ҳуқуқӣ ва инчунин дар амалияи ҳуқуқшиносӣ то ҳол норавшанӣ дар мазмун ва муҳтавои ин мафҳум мушоҳида мегардад. Набудани назарияҳои ягонаи илмӣ оид ба мафҳум ва моҳияти давлати иҷтимоӣ, инчунин вобаста ба роҳҳои амалисозии ҳуқуқии он, метавонад ба пайдоиши мушкилоти назариявӣ ва амалии муайян дар соҳаи таъминоти иҷтимоӣ мусоидат намояд.

Таҳлили қонунгузории амалкунанда дар соҳаи таъминоти иҷтимоии инсон ва шаҳрванд нишон медиҳад, ки то ҳол дар он зиддиятҳои дохилӣ ва набудани муносибати низомнок мушоҳида мегарданд. Санадҳои

қонунгузорӣ аксар вақт берун аз доираи тарҳи ягонаи консептуалии давлати иҷтимоӣ таҳия шуда, дар бисёр ҳолатҳо бе дарназардошти робитаи мутақобилаи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ бо дигар ҳуқуқу озодиҳои инсон қабул мегарданд. Дар натиҷа, дар танзими ҳуқуқии соҳа камбудиҳо ба миён омада, ҳолатҳои такрори ваколатҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва самаранокии нокифояи тадбирҳои амалишавандаи дастгирии иҷтимоӣ ба назар мерасанд.

Бо вуҷуди чораҳои андешидаи давлат дар ин самт, як қатор масъалаҳо ҳанӯз ҳалношуда боқӣ мондаанд. Аз ҷумла, паст будани сатҳи фаъолнокии шаҳрвандон ва огоҳии аҳолӣ оид ба масъалаҳои таъминоти иҷтимоӣ, инчунин набудани низоми самарабахши идоракунӣ ва назорати дурустии расонидани кӯмаки иҷтимоӣ аз ҷумлаи чунин мушкилот ба ҳисоб мераванд.

Ҳамаи ин омилҳо метавонанд раванди ноил гардидан ба ҳадафҳои дар Конститутсия эълонгардида ро то андозае мушкил намоянд ва дар баъзе ҳолатҳо ба татбиқи пурраи ҳуқуқҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд таъсири манфӣ расонанд. Эътирофи инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ ҳамчун арзиши олӣ (м. 5 Конститутсияи ҶТ) зарурати мавҷудияти роҳҳалҳои самаранок ва устувори татбиқи кафолатноки онҳоро пешбинӣ менамояд. Бо вуҷуди ин, метавон таъкид кард, ки чунин роҳҳалҳо дар шароити кунунӣ ҳанӯз дар марҳилаи ташаккул ва такмил қарор доранд.

Давлате, ки мақоми «иҷтимоӣ»-ро соҳиб шудан мехоҳад, ухдадор аст барои ҳар як шахсе, ки дар вазъияти душвори зиндагӣ қарор дорад, ҳадди ақали неъматҳои иҷтимоиро таъмин намояд, то шароити зиндагии шоиста фароҳам гардад. Гарчанде ки дар Конститутсияи ҶТ муқаррароти мустақим оид ба ҳуқуқ ба сатҳи шоистаи зиндагӣ пешбинӣ нашудааст, ин ҳуқуқ аз принсипҳо ва меъёрҳои умумии эътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ бармеояд ва бояд тавассути низоми самараноки ҳифзи иҷтимоӣ таъмин карда шавад. Аммо, тавре ки таҳлилҳо нишон медиҳанд, низоми

амалкунандаи дастгирии иҷтимоии табақаҳои осебпазири аҳолӣ на ҳамеша имконияти татбиқи пурраи ин ҳуқуқро фароҳам меорад.

Ҳамзамон, хулосаҳои дар сатҳи диссертатсия овардашуда барои таълими фанҳои тахассусӣ ва гузаронидани таҳқиқоти илмӣ, зимни омӯзиши фанҳои ҳуқуқи конститутсионӣ, курси махсуси таълимии ҳуқуқӣ аҳаммияти калон доранд.

Дар ҷараёни ҷаласа аз ҷониби иштирокчиён мудири кафедра, н.и.п., дотсент Давлатзода Ф.Ш., д.и.ҳ., профессор Соибов З.М., н.и.ҳ., дотсент Сулаймонзода М.С., н.и.ҳ., дотсент Имомов Ҳ.Ш., н.и.ҳ., дотсент Назарзода Д.Қ., н.и.т., дотсент Айнулозода Н.А., н.и.т., дотсент Аламов Ҳ.Н., н.и.ҳ., муаллими калон Мирзозода Ш.Ҷ., н.и.ҳ., муаллими калон Мирзозода Ш.М., муаллими калон., Абдуллозода М.А., муаллими калон., Раҳматов Р. ассистент Мирзоев Б.Н., ассистент Кабутов М. чавобҳои мукаммал дод.

Баъдан роҳбари илмии унвонҷӯ номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Салоҳиддинова С.М. баромад намуда, оид ба фаъолияти илмӣ – омӯзгории Рисолати Раҷабалӣ суханронӣ намуда, иброз дошт, ки унвонҷӯ қобилияти баланди эҷодӣ дошта, таҳқиқи диссертатсионӣ ҳамчун кори анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб меравад ва мавзуи он барои татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат мусоидат менамояд.

Диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси 5.5.2. Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ мутобиқат карда, барои ҳимоя аз рӯйи ихтисоси мазкур тавсия дода мешавад.

Дар охир аз иштирокчиёни ҷаласа хоҳиш карда шуд, ки довталабро дастгирӣ намоянд.

Сипас, раиси ҷаласа н.и.п., дотсент Давлатзода Ф.Ш. баромад намуда, диссертатсияро ҳамчун кори анҷомёфта ба ҳимоя тавсия намуд.

Дар муҳокимаи диссертатсия иштирокчиёни дигар, аз ҷумла н.и.ҳ., дотсент д.и.ҳ., профессор Соибов З.М., н.и.ҳ., дотсент Сулаймонзода М.С.,

н.и.ҳ., дотсент Имомов Ҳ.Ш., н.и.ҳ., дотсент Назарзода Д.Қ., ба унвонҷӯ тавсияҳои муфиди илмӣ доданд.

Баромадкунандагон дар рафти муҳокимаи диссертатсия муҳиммияти мавзуи таҳқикро қайд карда, саҳми унвонҷӯро дар таҳқиқу баррасии масъалаҳои назариявӣ – методологӣ ва амалии мавзуи мазкур муҳим арзёбӣ намуданд.

Қайд карда шуд, ки Рисоати Раҷабалӣ муҳаққиқи пурмаҳсул буда, муаллифи 9 таълифоти илмӣ, иштирокчии конференсия ва семинарҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии байналмилалию ҷумҳуриявӣ ва дохилидонишгоҳӣ мебошад.

Ҳамзамон, баромадкунандагон эродҳо ва андешаҳоеро изҳор доштанд, ки ба мушаххасу возеҳ баён намудани нуқтаҳои алоҳидаи диссертатсия, нисбатан муфассал шарҳ додани ҷанбаҳое, ки дар амалӣ намудани пешниҳодҳо ва тавсияҳои марбут ба таҳқиқи диссертатсионӣ мусоидат менамоянд.

Рисолати Раҷабалӣ ба эродҳои баромадкунандагон ҷавобу шарҳҳои муфассал дод. Сипас, лоиҳаи хулосаи кафедра, ки дар асоси баромади баромадкунандагон омода карда шудааст, шунида шуд.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Рисолати Раҷабалӣ дар мавзуи «Ҳуқуқи конститутсионии инсон ва шаҳрванд ба таъминоти иҷтимоӣ дар ҶТ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.2. Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Рисолати Раҷабалӣ дар мавзуи «Ҳуқуқи конститутсионии инсон ва шаҳрванд ба таъминоти иҷтимоӣ дар ҶТ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.2. Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ бо назардошти ислоҳи эродҳои

гирифташуда барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ қабул гардид.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ 14 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» 14 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

Суратҷаласа аз 14 феврали соли 2026, №7.

**Раиси ҷаласа,**
**и.в. мудири ҳуқуқи**
**ДДОТ ба номи С. Айнӣ,**
**номзади илмҳои педагогӣ,**
**дотсент** **Давлатзода Ф.Ш.**

**Котиби ҷаласа,**
**номзади илмҳои ҳуқуқ** **Мирзозода Ш.Ҷ.**

**Имзоҳои Давлатзода Ф.Ш. ва Мирзозода Ш.Ҷ.-ро**
**ТАСДИҚ МЕКУНАМ:**
**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДДОТ**
**ба номи С. Айнӣ** **Қодирзода С.**

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ

“14” феврали 2026

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
ДДОТ ба номи С. Айнӣ
Телефон: (+992) 2241383
Почтаи электронӣ: info@tgpu.tj